**ТАҚРИЗ**

**ба автореферати диссертатсияи Мирзозода Сулаймон Мадислом доир ба мавзуи «Захираи растаниҳои шаҳддори минтақаи Кӯлоб, ҳифз ва истифодаи оқилонаи онҳо», барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисоси 6D060718 – Ботаника. Кӯлоб, 2026**

Растаниҳои шаҳддор яке аз ҷузъҳои муҳими флораи табиӣ ва агроэкосистемаҳо буда, ҳамзамон манбаи асосии ғизои занбӯри асал, растаниҳои худрӯй ва киштшаванда ба ҳисоб меравaнд. Минтақаи Кулоб бо шароити мухталифи иқлимию релефии худ дорои захираи ғании флораи шаҳддор мебошад, ки то ҳол дар сатҳи зарурӣ мавриди омӯзиши комплексии илмӣ қарор нагирифтааст.

Дар солҳои охир таҳти таъсири омилҳои антропогенӣ паҳншавии заминҳои кишт, чаронидани бешумори чорво, буридани дарахту буттаҳо ва тағйирёбии иқлим паҳншавии як қатор намудҳои растаниҳои шаҳддор дар минтақа маҳдуд гардида, захираи табиии онҳо коҳиш меёбад. Ин ҳолат мустақиман ба рушди занбӯри асалпарварӣ, ки соҳаи муҳими иқтисоди хоҷагиҳои деҳот аст, ва ба устувории экосистемаҳои табиӣ таъсири манфӣ мерасонад.

Навоварии илмии кор дар он аст, ки муаллиф бори аввал омӯзиши ҳамаҷонибаи таркиби намуд ва таҳлили экологию биологии растаниҳои шаҳддори минтақаи Кӯлоб гузаронида шуд. Дар натиҷаи таҳқиқот бори аввал 6 мавҷудият 88 намуди растаниҳои шаҳддор муқаррар карда шудааст, ки мансуби 69 авлод ва 24 оила мебошад. Дар натиҷаи мониторинг, маълумотҳои нави илмӣ оид ба растаниҳои шаҳддори табиӣ ва киштшавандаи минтақаи Кӯлоб, хусусиятҳои паҳншавӣ ва захираи биологию экологии онҳо, инчунин мақсаднок истифода бурдан дар амалия бо асоснокӣ ба даст оварда шудааст.

Мирзозода С.М. гуногунии биологии растаниҳои шаҳддиҳанда ва аҳамияти экологию иқтисодии онҳо, захираи растаниҳои шаҳддиҳанда, ҳосилнокии шаҳди онҳо ва алоқамандии ҳаёти занбӯри асал дар минтақаи Кӯлоб маълумот оварда шудааст.

Корҳои илмӣ дар доираи усулҳои муосири таҳқиқот иҷро шудааст.

Дар корҳои илмӣ таҳқиқотии унвонҷуй дар натиҷаи таъсири манфии омилҳо, ки дар мадди аввал аз фаъолияти хочагии инсон вобаста аст, таъсири манфӣ на танҳо ба гуногунии намудҳо ва захираи растаниҳои шаҳддор мерасад, балки ба захира ва сифати ашёи хоми растаниҳои шаҳддори киштшаванда ва худрӯйи минтақа низ муассир аст.

Минтақаи Кӯлобро метавон ба қаламраве дохил кард, ки натанҳо дар он маҳсулоти асали аз ҷиҳати экологӣ тоза барои истеъмол, балки барои истеҳсоли маҳсулоти доруи босифат ба даст овардан имконпазир аст.

Тавре маълум гардид, ба вазъи экологии минтақа ҳам омилҳои табиӣ ва ҳам омилҳои антропогенӣ таъсир мерасонанд.

Дар автореферат баландии аз сатҳи баҳри растаниҳои шаҳддори минтақаи Кӯлоб оварда нашудааст ва ин чунин бо кадом методика зичии рстаниҳои шаҳддоро муайян кардед.

Камбудии дар боло овардашуда ислоҳшаванда буда, ба аҳамияти илмии кори иҷрошуда таъсири манфӣ намерасонад.

Натиҷаҳои таҳқиқот дар интишороти илмӣ инъикоси пурраи худро ёфтааст. Автореферат диссертатсияи пешниҳод шуда ба талаботи КОА-и назди Президенти Ҷумҳарии Тоҷикистон ҷавобгу буда, муаллифи он Мирзозода Сулаймон Мадислом барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) - доктор аз рӯйи ихтисоси 6D060718 – Ботаника сазовор мебошад.

**Тақриздиҳанда:**


Ходими калони илмии шуъбаи зироатҳои сабзавотӣ, полизӣ, дарахтони мевадиҳанда ангур ва растаниҳои шифобахши Маркази миллии захираҳои генетикии Академияи илмҳои кишоварзии Тоҷикистон, н.и.б. (Ихтисос 1.15.20-захираҳои биологӣ) Муродов Ш.С.

Суроға: 734064, ноҳияи Сино,
маҳалаи Лаби - тол, тел: 992905772343
E-mail: mshamsullo@bk.ru


Имзои Муродов Ш.С. - ро тасдиқ мекунам.
Нозири кадрҳои ММЗГ-и АИКТ Миҷгонаи М.


Суроға: 735104, ноҳияи Рӯдакӣ, ҷамоати Сарикиштӣ,
деҳаи Маҳмадшои боло, ММЗГ-и АИКТ, тел: 992777070408
E-mail: geneticresources.tj@mail.ru


29 июли соли 2026